ҶӮРА ҲОШИМӢ

# ГУНҶИШК ВА ГУРБА



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ГУНЧИШК ВА ГУРБА

Гунҷишк ояд чиқ-чиқ-чиқ,
Дона чинад тиқ-тиқ-тиқ.

Донаш монад ним-ним-ним,
Гурба ояд ҷим-ҷим-ҷим.

Пешаш ғеҷад кам-кам-кам,
Гӯяд: «Хӯрам, ҳам-ҳам-ҳам!».



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Ҳо, гунҷишко, кишто! Кишт!

– Ҳо, гурбаё, пишто! Пишт!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАН БА КУҶО МЕДАВАМ?

Медавамо, медавам,
Ваҳ, чӣ расо медавам!

Аз таҳи дил медавам,
Сар-сари по медавам.

Хаста набошам, дигар
Ҳамчу сабо медавам.

Медавамо, медавам…
Вой, чаро медавам?

Ин дави ман пеши кист?

Ман ба куҷо медавам?

Дур давидам, биё,

Гашта қафо медавам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ШИРИН СУРУД МЕХОНАД

– А-лӣ, бу-лӣ, ло-бӣ-ло!
Та-бӣ, ту-бӣ, то-ли-бо!
Ка-бӣ, ку-бӣ, ка-ба-ро!
Ра-бӣ, ру-бӣ, ра-ба-ро!..
О, Ширинҷон мехонад,
Шоду хандон мехонад.
Species
Бобоям гӯш андозад,
Момоям гӯш андозад.
Мегӯяд модарҷонам:
– Дар овозат қурбонам!
Ман ҳам мешинам хомӯш,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман ҳам меандозам гӯш.

Аммо лолу ҳайронам,

Охир, ман кай медонам? –

Ӯ ҷопонӣ мехонад?

Ё испонӣ мехонад?

Ё дар шеъраш маъно нест?

Ё маънояш фаҳмо нест?

Ё ин танҳо оҳанг аст?

Ё худ дигар найранг аст?

Ё шояд чизе хонад? –

Маънояшро худ донад?

Оё донад худ, оё…

Ман кай донам, Худоё!

# НАВОЗИШИ МОДАР

Ҳай-ҳай, чӣ духтарӣ?!
Гӯё кабӯтарӣ!

Садбарги боғи дил?
Ё лолаи тарӣ?

Аслӣ ва ё ки расм?
Одам ва ё парӣ?

Қандӣ ва ё асал?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Не, не, ки беҳтарӣ!

Ё нури дидаӣ?
Ё давлати сарӣ?

Ё ту – мадори ҷон?
Ё ҷони модарӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МОҲ КУҶО МЕРАВАД?

Моҳ чаро меравад?
Моҳ куҷо меравад?

Гашта ба мо ҳамқадам,
Моҳи само меравад?

Ҳамраҳи мо як сабад
Нуру сафо меравад?

Сар ба сару бар ба бар,
Пои ба по меравад?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мо чу ба манзил расем,

Моҳ куҷо меравад?

Ё ки вай аз рӯи меҳр

Хонаи мо меравад?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ХИРСАК

Чашмаш зи шиша бошад?
Ҳушаш ба беша бошад?

Гӯшаш чаро кашол аст?
Ё вай зи мо малол аст?

Хам гашта қадду басташ?
Сар – дар кафи ду дасташ?

Дар роҳи кӣ нигоҳаш?
Чашмони сип-сиёҳаш?...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хирсак, ки ҷон надорад,

Тобу тавон надорад.

Одам чӣ сон нишонад,

Он ҳамчунон бимонад:

Бечора, латтагин аст,

Бозичаи Амин аст.

# КОРВОН

Дар бари роҳи калон –
Пораи чӯбе равон.

Аз паси он меравад
Кафши касе! Ал-амон!

Коғази сабзе сабук
Мепарад аз пушти он.

Ғалтаку қуттии чой,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Калтаку тиру камон.

Баста магар байнашон
Риштаяке ноаён?

Бигзараду бигзарад
Ғелзанону хазон.

Ҳеҷ ки ояд ба сар
Охири ин корвон…

Ин ҳамаро мекашад
Миралии паҳлавон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лек куҷо мекашад?

Ҳеҷ мапурсу мадон!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҶОНОҶОН

– Бобо! Бобо! Furthermore Furthermore

– Ҳастӣ зеро «furthermore»

# ДАР МЕҲМОНӢ

Бай-бай, дастонам – тоза!
Дил – тоза, ҷонам – тоза!

На гӯшамро мехорам,
На мӯямро медорам.

Хап дар ҷоям биншинам,
Чун бобоям биншинам.

Гар хӯрам, кам-кам хӯрам,
Танҳо аз наздам хӯрам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сурфам, рӯ тобам бар пушт,
Ё месурфам лаб дар мушт.

Гуфторам дигар гаштаст,
Рафторам дигар гаштаст.

Ин боақлу озода
Ман бошам, ё шаҳзода?

Ҷои шӯхӣ ин ҷо нест,
Ин ҷо, охир, меҳмонист!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*